**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи номзадии Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи «Такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

Бахтиёри Изатулло Муродзода соли 2014 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи иқтисод ва идораи комплекси агросаноатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст. Мавсуф ҳангоми иҷрои кори илмӣ, махсусан дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти илмӣ оид ба ҷанбаҳои назариявии мавзуи илмию таҳқиқотӣ қобилияти пешбурди кори илмӣ, масъулият ва мустақилият нишон дода тавонист. Дар давраи иҷрои кори илмӣ Бахтиёри Изатулло Муродзода 20 мақолаи илмӣ (аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳия ва аз чоп баровардааст.

**Сатҳи дониш, усулҳои таҳқиқот ва ҳуҷҷатҳои** оид ба таҳсилот пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Бахтиёри И.М. ба стандартҳои таҳсилоти олии касбии дар ҷумҳурӣ қабулшуда мувофиқат мекунанд. Натиҷаи асосии таҳқиқот ва нуқтаҳои муҳими диссертатсияи Бахтиёри И.М. дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2014-2023 баррасӣ гардидаанд. Муқаррароти алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалии илмию амалӣ низ қироат ва мавриди қабул гардиданд.

**Марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ**, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия ва иҷро шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои кор оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории ҷумҳурӣ ба сифати маводи таълимӣ ҳангоми омодасозии

донишҷӯёни тахассусҳои иқтисодӣ, дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти КАС», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Интегратсия ва кооператсия дар КАС» ва «Таъмини бехатарии озуқаворӣ» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии** Бахтиёри И.М. ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10- Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқат мекунад.

**Аз таҳлили рисолаи илмӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқоти илмӣ** таҳқиқ, таҳлил, арзёбӣ, тақвият ва тавсеаи асосҳои назариявию методӣ, ташаккулу равнақи комплекси агроозуқаворӣ ва коркарди тавсияҳою пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ дар доираи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта мебошад.

**Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттилооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ имконият додааст, ки таҳлили амиқи раванди рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро доир намояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар 176 саҳифаи компютерӣ чоп карда шуда, фарогири 25 ҷадвал, 9 расм ва 2 диаграмма мебошад.

**Натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои методии** дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ карда шаванд. **Аҳамияти амалии кори мавриди назар** аз он

иборат аст, ки хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалии аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия бадастоварда имконият медиҳанд, ки корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ метавонанд ҳангоми асосноккунии самтҳои рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта истифода баранд.

**Хулоса ва пешниҳодҳо** ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ ба талаботи мавҷуда омода шудаанд. Дар маҷмуъ, рисола аҳамияти кифояи илмӣ ва назаривию амалиро дорост ва кори илмӣ-таҳқиқотии ба итмомрасида дар сатҳи ҷавобгӯйи талабот қарордошта ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи «Такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдодашуда ва мантиқан ба итмомрасида буда, арзиши назариявӣ ва амалӣ дошта, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
н.и.и., дотсенти Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон — Тағоев Ҷ.Ҳ.

Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич
Тел: (+992) 918-90-68-73
E-mail: tagoev_d@mail.ru

**Имзои Тағоев Ҷ.Ҳ.– ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
“26” август 2023 — Тавқиев Э.Ш.